# 223

*Бандгардон:*

Эй Ахтари ҷовиди мо,
Равшантар аз хуршеди мо.
Дар ин сафар моро Туӣ
Ҳам Ҳодӣ, ҳам Умеди мо!

1. Маҷусонем аз сӯи шарқ,
Дорем бо худ мо ҳадияҳо.
Паймуда кӯҳу дашту тал,
Моро ситора раҳнамо.

2. Дар шаҳри Довуд ин замон
Гашта шаҳаншоҳе аён.
Инак, барои Ӯ нишон
Овардаам тоҷи тилло.

3. Овардаам кундур чунин,
Аз дуди он рӯи замин
Дар наздики Яздон бубин,
Фармон бару саҷда намо.

4. Мурр атри талхе оварад,
Талхӣ зи дунё мебарад.
Чун Ӯ ба қабри Худ равад,
Бо Худ барад андӯҳи мо.

5. Бархост Ӯ аз мурдагон,
Ҳам фидя, ҳам Шоҳи ҷаҳон.
Гӯяд замин бар осмон:
Ҳалелуёҳ, ҳалелуёҳ!